**«ТАСДИҚ МЕКУНАМ»**

**Ректори Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор Насриддинзода Э.С.**

**____________________**

**«31» ____________ с. 2024.**

**Тақризи**

**муассисаи пешбар ба рисолаи диссертатсионии Тоирзода Абдусаломи Раҳим дар мавзуи "Баррасии роҳҳои калимасозии исм дар осори Шамсидин Шоҳин", ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (Phd) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D020500 – Филология (6D020502 – Забони тоҷикӣ) пешниҳод гардидааст.**

**Мутобиқати муҳтавои диссертатсия ба ихтисос ё соҳаи илм.** Диссертатсияи Тоирзода Абдусаломи Раҳим дар мавзуи "Баррасии роҳҳои калимасозии исм дар осори Шамсидин Шоҳин" ба шиносномаи ихтисоси 6D020500 – Филология (6D020502 – Забони тоҷикӣ) комилан мутобиқат менамояд.

Албатта, осори адибони гузаштаи мо низ дар баробари осори бадеии имрӯза аз диди лингвистӣ таҳқиқу омӯзиши ҷиддиро талаб дорад ва дар ин самт аллакай корҳои зиёде ба сомон расидаанд. Хосатан, дар масъалаи калимасозӣ осори шоирони гузашта метавонанд ба сифати сарчашмаи боэътимоди интихоби роҳҳо ва навъҳои тозаи созмони калимаҳо дар забони муосири тоҷик бошанд. Аз ин ҷиҳат интихоби мавзуъ аз ҷониби унвонҷӯ, ба андешаи инҷониб, иқдоми саривақтӣ ва хеле муфид буда, натиҷаҳои он яқинан барои бахши калимасозии забоншиносии тоҷик муфид хоҳанд буд. Вобаста ба ин нуктаи муҳим, таҳқиқоти диссертатсионии Тоирзода Абдусаломи Раҳим зери унвони "Баррасии роҳҳои калимасозии исм дар осори Шамсидин Шоҳин" мубрам арзёбӣ шуда, дар роҳи муайян намудани низом ва роҳҳои калимасозӣ дар осори яке аз шоирони хушсалиқаи садаи

19-и тоҷик – Шамсиддин Шоҳин, кӯшиши нахустин мебошад.

**Саҳми шахсии довталаб дар ҳалли масъалаи илмӣ ё коркарди проблемаи илмӣ бо арзёбии аҳаммияти он.** Ҳаҷм ва сохтори умумии диссертатисия, мубрамият ва зарурати гузаронидани таҳқиқ, дараҷаи омӯзиши он, ҳадаф ва вазифаҳои асосии масоили таҳқиқшаванда, мавзуъ, масъалаҳо ва соҳаи таҳқиқот, навгониҳои таҳқиқ ва аҳаммияти назариявию амалии он, инчунин, нуктаҳои асосии ба ҳимоя пешниҳодшаванда ва хулосаву натиҷагириҳои муаллиф нақш ва мавқеи илмии бевоситаи ӯро нисбат ба мавзуи интихобшуда инъикос мекунанд. Саҳми шахсии муаллифи диссертатсия, ҳамчунин, дар омӯзиши назарияҳои олимони муосири ватанию хориҷӣ дар робита ба мавзуи баҳси диссертатсия, таҳлил ва муқоисаи онҳо, омода намудани мақолаву маърузаҳои илмӣ доир ба мавзуи таҳқиқ зоҳир мегардад. Муаллифи диссертатсия дар таҳияи равиши илмии масъалаҳои дар рисола матраҳшуда аз усулҳои таҳқиқи мушоҳида, тасвиру муқоиса, муқоисавию таърихӣ, таҳлили морфологӣ, сохторӣ ва услубӣ истифода намудааст.

Муаллифи диссертатсия қайд менамояд, ки Шамсиддин Шоҳин дар баробари дигар адибони гузаштаву замони худ аз роҳхои мухталифи калимасозӣ истифода намудааст, ки миёни онҳо бештар усулҳои калимасозии исмии мураккаб ва пешояндиву пасояндӣ маъмуланд. Зикр мегардад, ки роҳи морфолдогӣ-синтаксисии калимасозӣ ва ё тарзи конверсиалии вожасозӣ низ дар сохтани калима-исмҳо нақши муҳим дорад. Дар ин замина ҳодисаи субстантиватсия, яъне исмшавии дигар ҳиссаҳои нутқ баръало мушоҳида мешавад.

**Натиҷаҳои мушаххаси илмӣ, ки барои он ба довталаб додани дараҷаи илмии дархостшаванда имкон дорад.** Диссертатсияи Тоирзода Абдусаломи Раҳим мувофиқи талаботи навтарин дар доираи феҳристи ихтисораҳо, се боб, хулоса, тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқ ва рӯйхати адабиёт мураттаб гардидааст. Вобаста ба талаботи таҳияи рисолаҳои илмӣ дар самти филология дар қисмати муқаддимаи

диссертатсия ба масъалҳои мубрамияти мавзуи таҳқиқ, дараҷаи омӯзиши мавзуъ, обйект, предмет ва сарчашмаҳои таҳқиқ, асосҳои назарии он, нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда, аҳаммияти назарӣ ва амалии таҳқиқ, саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқи мавзуи интихобшуда ва дигар масоили алоқаманд таваҷҷуҳи зарурӣ дода шудааст.

Боби аввали диссертатсия – «Таҳқиқи тарзи калимасози морфологӣ дар осори Шамсиддиин Шоҳин», боби назариявии рисоларо ташкил дода, аз фаслу зерфаслҳои «Матолиби муқаддимотӣ», «Имкониятҳои калимасозии пешванду пасвандҳо дар вожасозии исм», «Калимасозии исм бо пешванди ҳам-», «Калимасозии исм бо пасвандҳо», «Пасвандҳои сермаҳсули исмсоз», «Пасвандҳои каммаҳсули исмсоз» ва «Пасвандҳои бемаҳсули исмсоз» мураттаб гардидааст. Муаллиф дар заминаи мутолиаи фаровони осори илмии муҳаққиқони хориҷиву ватанӣ зикр менамояд, ки дар низоми ҳиссаинутқии забони тоҷикӣ исм ҳамчун ҳиссаи нутқе эътироф шудааст, ки вандҳои зиёди калимасоз дорад ва миёни онҳо нақши пасвандҳо бештар аст. Ба таври дигар, пасвандҳои исмсоз ҳамон морфемаҳоеанд, ки дар асоси ҳамнишинии мувофиқ бо калиаҳои исмӣ аксаран калимаи нав месозанд ва ба ин восита захираи луғавии забони тоҷикӣ аз ҳисоби чунин калимаҳои сохта ғанитар мегардад. Аз ҷониби диссертант гурӯҳбандии пасвандҳои исмсоз ба сермаҳсул, кмммаҳсул ва бемаҳсул дар асоси таҳлили мисолҳои фаровони осори шоир амалӣ гардида, назарияи кайҳо боз дар илми забоншиносии тоҷик мустаъхмалро тасдиқ намудааст.

Боби дуюми рисола, ки «Калимасозии исм тавассути деривацияи дубора, усули пешвандию пасвандӣ, транспозитсия (субстантиватсия) ва тарзи аффиксоидӣ» ном гирифтааст, яке аз бобҳои асосӣ ва амалии диссертатсия буда, аз панҷ фасл иборат аст. Дар он ба масъалаҳои ҳодисаи забонии дериватсияи дубора, усули пешвандию пасвандии сохта шудани исмҳо, аффиксоидҳо, префиксоидҳо ва суффиксоидҳои исмсоз, нақши калимасозии морфологӣ-синтаксисӣ (конверсия) дар калимасозии исм, субстантиватсия калимаҳои сода, сохта ва мураккаб таваҷҷуҳи зарурӣ дода

шудааст. Маълум мегардад, ки дар созмони калимаи нав тағйирёбии сифатии калима, яъне низоми маъноии он нишондоди асосӣ мебошад. Дар ин маврид унсури калимасоз барои як маротиба тағйир ёфтани маънои қаблӣ сабаб мешавад. Аз ин ҷост, ки падидаи ба асоси калима ҳамроҳ шудани ду морфемаи калимасозро дериватсияи дубора менроманд. Ҳангоми баррасии зуҳуроти заббонии зикршуда муаллиф мисолҳои зиёдеро ба риштаи таҳлил мекашад, ки дар онҳо калимаҳои нав асосан тавассути лоқамандии пешванду пасвандҳо боа соси калима ба вуҷуд омадаанд. Чунончи, **умедворӣ, бехирадӣ, ҳамнишинӣ, ниёзмандӣ** ва монанди инҳо. Таъкидҳои соҳиби рисола дар мавриди истифодаи фаровони пасвандӣ –**ӣ** дар ин ҳолат хеле баҷо ва илман асоснокаанд.

Дар боби сеюми диссертатсия бо номи «Калимасозии исмҳои мураккаб дар осори Шамсиддин Шоҳин» муаллиф аслан мавқеи исмҳои мураккаби тобеъ ва пайвастро муқаррар намудааст. Дар идомаи мантиқии боби мазкур қайд мегардад, ки исмҳои мураккаб дар осори шоир мавқеи хосса дошта, бо роҳҳои гуногун арзи вуҷуд намудаанд. Дар ин миён мақоми исмҳои муракаби тобеъ нисбат ба исмҳои пайваст чашмрас буда, микдоран зиёд истифода шудаанд. Дар ин қисмат ҳамчунин исмҳои мураккаби омехта ва ҳатто сеҷузъа низ баррасӣ гардида, зикр мешавад, ки исмҳое, ки сохтори морфологиашон аз се унсури луғавии мустақил маъно иборатанд, дар осори шоир камтар истифода шудаанд. Таркиби сарфии ин навъ исмҳои мураккабро бештар калимаҳои исмӣ, сифатӣ ва феълӣ ташкил додаанд. Аз қабили **заҳробкаш, шабнамсифат, дилсайдкун** ва ғайра. Таъкид мегардад, ки дар ташаккули исмҳои мураккаби омехта ба ғайр аз калимаҳои мустақилмаъно боз пасвандҳои –а ва –ӣ низ фаъоланд. Ба монанди **табхола, заҳроба, шакарфишонӣ, ҷигарфурӯшӣ** ва ғайра. Натиҷагириҳо аз боби мазкур муаллифро ба хулосае меоранд, ки исмҳои мураккаби омехта ва сеҷузъа бештар зери қалами шоир пайдо шуда, барои ифодаи мафҳум ва сифатҳои нодири ашё хизмат кардлаанд.

Дар хулосаи диссертатсия бо овардани 18 банди мушаххас

натиҷагириҳо аз таҳқиқоти илмӣ нишон дода шудаанд. Дар охири хулоса овардани ҳисоботи оморӣ вобаста ба меъёри истифодаи исмҳои мураккаб шаҳодати дақиқияти таҳқиқи соҳиби рисола мебошад. Тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқ дар 7 банд оварда шуда, дар ҳолати ба инобат гирифтану мавриди корбурд қарор додани онҳо назарияву амалияи шохаи сарфу калимасозии илми забоншиносии тоҷик метавонад боз ҳам тавсеа ёбад. Дар феҳристи адабиёт зикри теъдоди муайяни сарчашмаҳои илмиву фарҳангномаҳо, мақолаву васоити таълимӣ, ба вижа, таҳқиқоти судманд роҷеъ ба мавзуи интихобшуда оварда шуда, ин ҳолат бевосита аз дониши васеъ ва огоҳии комили муаллиф дар таҳқиқи кори диссертатсионӣ дарак медиҳад. Маълум мегардад, ки истифодаи теъдоди зиёди пажуҳишҳои илмии марбут, маводи фаровони таҳлилӣ ва назари мустақилонаи муҳаққиқ роҷеъ ба андешаҳои бархе аз мутахассисони соҳа дар дохили диссертатсия мустақилияти андешаи ӯро дар раванди таълифи рисола таъмин намудааст, ки ин ҳолат яке аз ҷанбаҳои муҳим ҳангоми таҳияи рисолаҳои илмии замони муосир мебошад.

Пӯшида нест, ки аз нигоҳи илмӣ баҳои воқеӣ дода тавонистан ба ҳаллу фасли масъалаи матраҳшаванда аз муҳаққиқ дар баробари дониши фаровон идроки баланди забониро тақозо мекунад. Аз мутолиаи диссертатсия ба таври возеҳ ошкор мегардад, ки муҳаққиқ аз уҳдаи иҷрои ин вазифаи мушкил ба таври қонеъкунанда баромадааст. Аз тарзи гузориши масъалаҳо ва таҳлилу баррасиҳои муаллифи диссертатсия ба осонӣ метавон пайхас намуд, ки ӯ дорои заковату завқи махсуси забоншиносӣ ва хосатан, калимашиносӣ мебошад. Аз ин ҷиҳат, диссертатсияи Тоирзода Абдусаломи Раҳимро метавон яке аз таҳқиқоти муҳим ва тоза дар шохаи калимасозии забони тоҷикӣ унвон намуд, ки бо равиши хос, сабки сода, корбурди маводи фаровон, матолиб ва сарчашмаҳои муҳимми илмӣ таълиф шудааст.

Аз номгӯйи адабиёти диссертатсия бармеояд, ки муҳаққиқ давоми солҳои зиёд ба ин масъала сарукор гирифтааст ва нашри мақолаҳои зиёди ӯ

(7 мақолаи тақризшаванда ва 6 мақола дар маҷаллаҳои дигари илмӣ) роҷеъ ба масоили мухталифи калимасозӣ дар маҷаллаву маҷмуаҳои илмӣ ба эътирофи вай ҳамчун муҳаққиқи ҷӯё далолат мекунанд. Дар баробари ин, иштироки муаллифи диссертатсия дар конференсияҳои илмии сатҳҳои гуногун низ ба мустақилияти назари илмии вай роҷеъ ба мавзуи мавриди таҳқиқ ишора мекунанд.

Ҳамин тавр, дар диссертатсияи Тоирзода Абдусаломи Раҳим дастовардҳои илмӣ чашмрасанд. Бо вуҷуди чунин афзалиятҳо ҳангоми мутолиаи диссертатсия ва автореферати он баъзе нуктаҳои баҳсталаб ва камбудҳои ҷузъӣ ба чашм хӯрданд, ки ислоҳи онҳо, бешак, ҳусну қубҳи илмии рисолаву фишурдаи онро боз ҳам баланд хоҳад бардошт. Ба монанди:

1. Аз он ки диссертатсия худ таҳлилу баррасии мавзуи алоҳида мебошад, ба назари мо, дар номи он истифодаи калимаи “Баррасии” зиёдатӣ ва бемантиқ аст. Хуб мебуд, агар рисола дар шакли мухтасар “Роҳҳои калимасозии исм дар осори Шамсиддин Шоҳин ” унвон мегирифт.

2. Дар диссертатсия се шакли ифодаи як калима, яъне **таҳқиқ, таҳқиқот** ва **тадқиқ** ба мушоҳида расид, ки ба гумони мо, интихоби вожаи **таҳқиқ** мувофиқи меъёр ва талаботи рисолаҳои илмӣ мебошад.

3. Баъзан дар рисола таҳлилҳои сирф адабиётшиносӣ ба назар мерасанд, ки ин амал дар таҳқиқоти забоншиносӣ ҷоиз нест (с.25, 26).

4. Ба назари мо, дар охири ҳар фасл бо рақамгузорӣ овардани натиҷаҳои бадастомада зарурат надорад, зеро онҳо боз дар охири ҳар боб ва ниҳоят дар хулосаи ягонаи диссертатсия такроран оварда мешаванд.

5. Дар саҳифаҳои 87 ва 88-и рисола бо пасвандҳои **–вода** ва **–наворд** танҳо як мисолӣ (**хонавода, раҳнаворд**) оварда шудаасту халос. Ба андешаи инҷониб, барои далели қотеи илмӣ шудан бояд дар таҳқиқоти илмӣ зиёда аз як мисол нишон дода шавад.

6. Баъзан дар диссертатсия таносуби ҳаҷми фаслу зерфаслҳо риоя нашудааст. Масалан, фасли сеюми боби дуюми рисола ҳамагӣ якуним саҳифа мебошад. Ё ин ки фасли панҷуми боби сеюм бо номи “Исмҳои

мураккаби сеҷузъ” зиёдтар як саҳифа мебошад. Ҳамин ҳолат дар фасли шашуми боби сеюм низ такрор шудааст.

7. Диссертатсия ва автореферати он аз ғалатҳои имлоиву китобатӣ ва техникӣ орӣ набуда, ба таҳрир ниёз доранд.

Қобили зикр аст, ки камбудиҳои зикршуда ба ҳеҷ ваҷҳ арзиши илмии диссертатсияро кам карда наметавонанд, зеро муаллиф аз уҳдаи бандубасти илмии он комилан баромада, мавзуъ ҳалли ниҳоии хешро дарёфтааст. Бо назардошти чунин бартариҳо, диссертатсияи Тоирзода Абдусаломи Раҳим бо номи “Баррасии роҳҳои калимасозии исм дар осори Шамсидин Шоҳин” пажуҳиши судманди анҷомёфта буда, дар сатҳи зарурии илмӣ таълиф шудааст.

Автореферати диссертатсия ва мақолаҳои интишорнамудаи муаллиф, ки 7 адади онҳо дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА-и назди Президенти ҶТ ба табъ расидаанд, мундариҷаи асосии диссертатсияро инъикос мекунанд. Рисола бо муҳиммият, навгониҳои илмӣ ва арзиши назариву амалии худ ба талаботи КОА-и назди Президенти ҶТ мувофиқ буда. муаллифи он барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (Phd) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D020500 – Филология (6D020502 – Забони тоҷикӣ) сазовор аст.

**Мутобиқати тахассуси илмии довталаб ба дараҷаи илмӣ.** Диссертасияи Тоирзода Абдусаломи Раҳим зери унвони “Баррасии роҳҳои калимасозии исм дар осори Шамсидин Шоҳин” ба талаботи бандҳои 31-37-и Тартиби додани дараҷахои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-июни соли 2021, таҳти рақами №267 тасдиқ шудааст, мувофиқ буда, муаллифи он барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (Phd) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D020500 – Филология (6D020502 – Забони тоҷикӣ) сазовор мебошад.

Тақриз дар ҷаласаи кафедраи забони адабии муосири тоҷикии факултети филологияи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон аз 27-уми январи соли 2024, суратҷаласаи №7 муҳокима ва тасдиқ гардид. Дар ҷаласаи

кафедра иштирок доштанд – 14 нафар. Натиҷаи овоздиҳӣ: «тарафдор» - 14, «зид» - нест, «бетараф» - нест.

**Раиси ҷаласа:**

номзади илмҳои филологӣ, мудири
кафедраи забони адабии муосири тоҷикии
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, дотсент Дӯстзода Ҳ.Ч.

**Эксперт:**

номзади илмҳои филологӣ, дотсенти
кафедраи забони адабии муосири тоҷикии
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Ҳайдаров М.М.

**Котиби илмии ҷаласа:**

ассистенти кафедраи забони адабии муосири
тоҷикии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Холова М.Б.

Имзоҳои н.и.ф., Дӯстзода Ҳ.Ч., н.и.ф., Ҳайдаров М.М. ва асс. Холова М.Б.-ро тасдиқ мекунам:

Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси ДМТ Тавқиев Э.Ш.

**Суроғаи муассисаи пешбар:**

734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17.
Тел.: 221-77-11, 904.41-84-80.
E-mail: dustov.hamrokhon@mail.ru
Сомонаи расмӣ:www.tnu.tj